**ХУЛОСАИ**
**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-035 дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати профессорон:

1. Бобомуллоев С.Ғ. (раис)
2. Абдурашитов Ф.М. (узви ҳайат)
3. Иброҳимов М.Ф. (узви ҳайат)

Рисолаи Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич "Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406"-и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ", ки барои дифоъ пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақилона ва комил буда, ба талаботи муайяншуда ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мутобиқат мекунад. Асари Руи Гонсалес де Клавихо аз зумраи сафарномаҳои арзишманди таърихие мебошад, ки муаллифи он бо назари дақиқу тезбин бисёре аз дидаю шунидаҳояшро чи аз лиҳози иҷтимоӣ ва чи аз назари идориву сиёсӣ роҷеъ ба сарзамини густурдаи Эрону Хуросон ва Мовароуннаҳри ибтидои асри XV дарёфта ва навиштааст.

Ин асар бо муҳтаво ва хусусиёти хоси худ аз дигар осори таърихии дар ин аср офаридашуда фарқ мекунад ва аз ин ҷо таҳқиқи маҷмӯии ин асар аҳамияти хосро дорост. Муҳим будани мавзӯи мавриди таҳқиқ дар он хулоса мешавад, ки маводҳои бадастомада аз рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ва муқоисаи онҳо бо маводҳои теъдоди дигаре аз сарчашмаҳои таърихии наздик ба замони таълифи он инъикоси ҳаводиси таърихии охири асри XIV ва оғози асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон ва Эронро комил намуда, ба тавзеҳи ахбори таърихии он хусусиёти сифатан нав мебахшанд.

То ба ҳол ҳеҷ асари илмии хосе дар таърихнигории Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамзабон, ки ба таҳқиқи рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ихтисос дода шуда бошад, вуҷуд надорад.

Ҳамин тавр, баррасӣ ва таҳлили интиқодии рисолаи Клавихо дар таърихнигории Тоҷикистон аз вазоифи мубрам буда, барои ворид шудани далелҳо ва иттилооти нав аз ин рисола ба гардиши илмӣ, ки шароити бештари инъикоси ҳаводиси таърихиро ба миён меоварад, мусоидат менамояд.

Рисолаи Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич "Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406"-и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ"аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, сохтори он бо ҳадафи аслӣ ва вазифаҳои муайяншуда дар диссертатсия мувофиқ буда, нишондиҳандаи

мантиқии раванди таҳқиқ мебошад.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он аст, ки муаллиф дар асоси маводи рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ва дигар асарҳои таърихиву илмӣ зиндагиномаи Клавихоро мавриди баррасӣ қарор дода, сохтор ва муҳтавои бобҳои рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»-ро муайян намудааст ва аз ин рисола маводҳои нави таърихиро доир ба таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва оғози асри XV дарёфт карда ба гардиши илмӣ ворид намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқро метавон ба ҳангоми навиштани таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик, ба хусус охири асри XIV ва оғози асри XV истифода кард. Хулосаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия барои таҳияи курсҳои махсус дар факултетҳои илмҳои инсонӣ ва иҷтимоии донишкадаву донишгоҳҳои Тоҷикистон муфид мебошанд.

Мазмуни асосии рисола дар як монография ва ҳашт мақолаи муаллиф, ки панҷтои он дар маҷаллаҳои илмие, ки дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ вориданд, баён шудааст.

Рисолаи номзадии Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич “Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406”-и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ” аз рӯи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вероиш ба талаботи муқаррарнамудаи Дастури Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мувофиқ буда, муаллифи рисола барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор аст.

Комиссияи экспертӣ чунин хулоса мекунад, ки рисолаи номзадии унвонҷӯ Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич “Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406”-и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ” ба ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқ аст.

Комиссияи экспертӣ вобаста ба масъалаҳои зикршуда чунин қарор мекунад:

1. Рисолаи номзадии унвонҷӯ Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич “Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406”-и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ба ҳимоя тавсия дода шавад.
2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод мегарданд:

а). Расулиён Қаҳҳор, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

б). Мирзоқосим Каримзода, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатияи Донишгоҳи ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров таъйин карда шавад.
4. Ба нашри автореферати диссертатсия ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.
5. Барои ҷогир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Бобомуллоев С.Ғ.**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

**доктори илмҳои таърих, профессор** **Абдурашитов Ф.М.**

**доктори илмҳои таърих, профессор** **Иброҳимов М.Ф.**

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ Файзуллоева Г.

ШУЪБАИ КАДРҲО

31. 08. 2022